Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Иброимова Гуландом Наимовна дар мавзуи «**Муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш**», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ

Баррасии илмии хусусиятҳои наҳвии забони тоҷикӣ диққати донишмандонро беш аз сад сол аст, ки ба худ ҷалб карда бошад ҳам, масъалаҳои баҳсталаб дар ин самт кам нестанд. Ин аст, ки ҳамасола ба масъалаҳои наҳвӣ донишмандони зиёде даст зада, ҷиҳати ҳалли масоили мубрами он иқдом менамоянд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки баёни матлаб, ҳусни сухан ва маданияти нутқ робитаи бевосита ба истеъмоли воҳидҳои ҳаммаънои забон доранд, ошкор сохтани муродифоту қолибҳои гуногуни ифодаи фикр аз масъалаҳоест, ки дар давраҳои гуногун мубрам боқӣ мемонад. Дар солҳои охир ба масоили марбут ба муродифот донишмандони соҳибмактаби миллиамон профессорон Б.Камолиддинов, Д. Хоҷаев, С. Сулаймонов, Ҳ. Маҷидов, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, М. Н. Қосимова ва шогирдони онҳо даст зада, ҷиҳати ҳалли масоили ин соҳа корҳои зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Барои такмили масоили мазкур омӯхтан ва ба риштаи таҳқиқ кашидани осори давраи классикиамон аз масъалаҳоест, ки муҳаққиқони худро интизоранд. Осори ин давра метавонад ҷиҳати такмили воҳидҳои ҳаммаънои забон – муродифоти калимаҳо, ибораҳои озоди синтаксисию фразеологӣ ва ҷумлаҳо маводи пурарзиш диҳад. Аз ин рӯ, баррасии ин осор аҳаммияти махсуси илмӣ дорад. Бо дарки ҳамин масъала ба таҳқиқи муродифоти ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» даст задани шогирд Иброимова Гуландом Наимовна саривақтӣ мебошад. Шогирд дар муддати дароз (беш аз 5 сол) ба омӯзиши масоили назариявии масъала ва ҷамъоварии мавод аз «Чор дарвеш» машғул шуда, инак кори диссертатсиониеро ба анҷом расонидааст, ки аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ – муродиф шудани ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои сода саҳми калон гузоштааст.

Шогирд осори илмии донишмандони соҳа аз аввали асри гузашта то имрӯзро фаро гирифта, ба баррасии масоили назариявии муродифоти ибораҳо ва ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷику рус (боби 1) пардохта, ҳусну қубҳи асару мақолаҳои то имрӯз чопшударо дар асоси хронология нишон дода, зимнам андешаҳои худро баён карда, барои ҳалли мақсаду вазифаҳои худ масъалагузориҳо менамояд ва дар ду боби амалии пешниҳодкардааш ҷиҳати ҳалли масъалаҳои қолибҳои ибораҳои номии ҳаммаъно (боби 2) ва муродифоти ҷумлаҳои сода дар «Чор дарвеш» (боби 3) иқдом менамояд.

Махсусан, диққати муаллиф ба ҳалли масъалаи муродифоти қолибҳои ибораҳои исмии изофӣ (қолаби «исм+бандаки изофӣ+исм», «исм+бандаки изофӣ+сифат»), муродифоти ибораҳои изофӣ бо навъҳои дигари ибора, муродифоти ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шуморавӣ дар «Чор дарвеш», муродифоти ибора бо калимаҳои мураккаб ва баръакс, муродифоти хелҳои коммуникативии ҷумлаҳои сода (ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ, ифодаи маънои инкор), муродифоти қолибҳои аслӣ ва ҳосила ва муродифоти хелҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати сохтори наҳвӣ ва ғайра равона шудааст.

Зимни таҳқиқ аз назариёт ва андешаҳои донишмандони соҳа ва маводи фаровони «Чор дарвеш» истифода карда, хулосаҳои илмӣ ва мантиқӣ бароварда, диди хосаи худро пешниҳод менамояд. Ин аст, ки кори диссертатсионии шогирд дорои аҳамияти муайяни илмию амалӣ буда, саҳми муносибе дар пешрафти соҳа дорад. Бо ин хулоса корро анҷомёфта медонам ва онро барои муҳокима ва дифоъ пешниҳод менамоям.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, узви вобастаи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон С. Р. Раҳматуллозода

Имзои С.Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам..
Мудири бахши умумӣ ва масъули хадамоти кадрӣ Ш.Абдуллоев

24.05.2022